Суратҷаласаи №9
шурои олимони факултети омӯзгорӣ ва фарҳанги Донишгоҳи
давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

аз 29 апрели соли 2022 ш. Кӯлоб

Иштирок доштанд: ҷамъ 28 нафар- аъзои шурои олимони факултет, кафедраи таҳсилоти томактабӣ ва кори иҷтимоӣ ва кафедраи умумидонишгоҳии педагогика

РӮЗНОМА:

1. Муҳокимаи кори диссертатсияи Саодати Раҳмоналӣ дар мавзуи «Тарбияи ҳисси ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ дар хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (дар мисоли ашъори адибони ҳавзаи адабии Кӯлоб)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.05- Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03.– Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ)

ШУНИДА ШУД:

Ҷаласаи васеи шурои олимонро раиси шурои олимони факултети омӯзгорӣ ва фарҳанги ДДК ба номи А.Рӯдакӣ, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Бозоров Х. оғоз намуд. Саравval ҳозиринро бо рӯзномаи ҷаласа шинос намуда, иброз дошт, ки диссертатсияи Саодати Раҳмоналӣ «Тарбияи ҳисси ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ дар хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (дар мисоли ашъори адибони ҳавзаи адабии Кӯлоб)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.05- Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03.– Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) ба муҳокима гузошта мешавад.

Саодати Раҳмоналӣ соли 2015 факултети филологияи тоҷик ва журналистикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакиро хатм намудааст. Дар давоми омодасозии диссертатсия Саодати Раҳмоналӣ аз соли 2016 ассистент ва аз соли 2022 инҷониб муаллими калони кафедраи таҳсилоти томактабӣ ва кори иҷтимоии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ кору фаъолият менамояд.

Шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳони минимуми номзадӣ аз таърих ва фалсафаи илм аз 01 феврали соли 2019 №7 ва аз фанни забони англисӣ 15 январи соли 2020 таҳти №6 аз ҷониби Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ (736315), Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Кӯлоб, хиёбони С. Сафаров 16; Тел.: (+992) 8-33-22-2-35-06 E-mail: noib.ilm@kgu.tj) дода шудааст.

Роҳбари илмии Саодати Раҳмоналӣ – Иброҳимов Грез, номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи умумидонишгоҳии педагогика мебошад.

Баъдан сухан ба аспирант Саодати Раҳмоналӣ доир ба муҳтавои асосии диссертатсия дода шуд.

Саодати Раҳмоналӣ бобати муҳтавои асосии рисолаи номзадиаш ба ҳозирин маълумот дод. Аз ҷумла, дар рафти баромад иброз намуд, ки мушоҳида ва санҷишҳо собит намуданд, ки дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ амалан ба масъалаи инъикоси ташаккули ғояҳои тарбияи ватандустӣ ва ифтихори миллӣ дар ашъори адибони ҳавзаи Кӯлоб чандон диққати ҷиддӣ равона карда нашудааст ва ба дараҷаи талаботи давр корбандӣ нагардидааст, ҳамчунин, бештари муаллимон ба ин масъала то андозае назари умумӣ доранд. Аз ин лиҳоз, барои рӯи кор овардани заминаи илмӣ ва методологии асосҳои тарбия намудани хонандагон ва дар оянда ба воя расонидани ворисони сазовор ба фаъолияти касбӣ, таҷрибаи баланди педагогӣ ва дониши васеи ҳаматарафа зарурат дорад ва ин муҳимияти мавзуи таҳқиқоти илмии муҳаққиқро муайян менамояд.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо сарварии маорифпарвари асил, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ислоҳоти соҳаи маориф ва сифатан беҳтару ба талаботи замони муосир ҷавобгӯ будани онро аз вазифаҳои аввалиндараҷаи давлату ҳукумат дониста, дар яке аз Паёмҳои хеш ба Маҷлиси Олии кишвар иброз намудаанд, ки низоми маориф ҳамчун соҳаи тақдирсози ҳаёти ҷомеа дар чаҳорчӯбаи сиёсати ҷамъиятии давлат яке аз самтҳои муҳимтарини рушд эълон гардидааст.

Дар раванди ҷаҳонишавии замони муосир зарурати тарғиби ватанпарварӣ, ҳимояи марзу буми аҷдодӣ, ахлоқи ҳамида, ифтихори миллӣ ва худшиносию худогоҳии миллӣ барои дар руҳияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ тарбия намудани насли наврас ва ҷавонон хеле муҳим мебошад. Дар ин росто омӯзиши мероси илмию адабии адибону шоирон ва мутафаккирони барҷастаи тоҷику форс ва муосир нақши бориз дорад.

Тарбияи ватандӯстӣ, хештаншиносию худогоҳӣ ва ифтихори миллӣ ҷузъи асосии кори таълиму тарбияи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ маҳсуб меёбад ва яке аз самтҳои муҳими «Қонун дар бораи маориф» ҷалб намудани насли наврасу ҷавонон ба арзишҳои маънавию ахлоқӣ, татбиқи амалии тарбияи миллӣ тавассути кулли фанҳои таълимӣ, хосатан, силсилаи фанҳои гуманитарӣ, табиатшиносию риёзӣ ва фароҳам овардани шароитҳои мусоиди таълимию тарбиявӣ бо мақсади корбандӣ намудани он дониста шудааст. Дар тарҳрезию корбандӣ намудани ин вазифаҳо фанни адабиёти тоҷик ҳамчун як қисмати таркибии соҳаи таълим бояд мувофиқат намояд. Дар алоқамандӣ ба ин, самаранок ба роҳ мондан ва баланд бардоштани сифати таълиму тарбия дар муассисаҳои таҳсилоти асосӣ дар дараҷаи муносиб ва мувофиқ ба талаботи замони муосир ниҳоят зарур аст, зеро ки он ба хонандагон имконият фароҳам меорад, то ки онҳо роҷеъ ба ин хислатҳои ҳамида (ватандӯстию ватанпарварӣ, расидан ба қадри Ватан ва марзу буми он, ифтихори миллӣ, эҳтироми миллату халқиятҳои дигари маскуни кишвар ва амсоли инҳо) донишу фаҳмиши ҷадид гиранд.

Заминаи методологии таҳқиқотро ғояву афкори аз ҷиҳати илмӣ побарҷо, муқаррароти пешқадами назарияи дониш, шахсият, фаъолият, ки аз ҷониби педагогҳо, файласуфони маъруф, фарҳангшиносони назарияи мафҳуми ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ, таълимоти ҳамкории мутақобилаи илмӣ, методӣ ва умумибашарӣ (М. Лутфуллоев, Ф. Шарифзода, М. Нуров, И.О. Обидов, Қ. Қодиров, А.С. Макаренко, К.Д. Ушинский, Бабанский Ю. Сухомлинский В.А, Щукина Г.И, Крикунова Т.К. ва амсоли инҳо), нишондодҳои фалсафӣ дар бораи боҳам алоқаманд будани ҳодисаҳои ҷамъиятӣ ва аз хусуси боз ҳам таъсиррасонанда будани назария ва амалия, таълимоти ҳамкории мутақобилаи илмӣ, методӣ ва умумибашарӣ, баэътибор гирифтани муносибатҳои фалсафӣ, педагогию психологӣ ҳангоми дарки вазифаҳои муҳими дархури ҷомеаи кунунӣ, инчунин, ба ҳисоб гирифтани таҷрибаи таърихи инсоният ташкил медиҳанд.

**Мақсади таҳқиқот:** Муайян кардани ғояҳои ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ дар ашъори адибони ҳавзаи адабии Кӯлоб ва истифодаи он дар тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ;

**Объекти таҳқиқот:** Ашъори адибони ҳавзаи адабии Кӯлоб ва раванди тарбияи хонандагон дар руҳияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ тавассути ғояҳои ашъори ватандӯстонаи адибони ҳавзаи адабии Кӯлоб;

Мавзуи (предмети) таҳқиқот: Тарбияи ҳисси ватандустӣ ва ифтихори миллӣ дар хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бо истифода аз ғояҳои ашъори адибони ҳавзаи адабии Кӯлоб;

Фарзияи таҳқиқот: Тарбияи хонандагони МТМУ дар руҳияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ ба мақсад мувофиқу самарабахштар мегардад, агар:

1) мунтазамии таълими мавзуъҳо оид ба ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ дар ашъори адибон аз тарафи омӯзгорон бо мақсади муайян ва бомаврид роҳандозӣ ва таъмин гардад;

2) ташаккул ва рушди салоҳиятҳо ва ҷаҳони маърифатӣ дар робита ба ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ дар асоси ашъори адибон дар ин самт, ҳамчунин, хусусияти фардии ҳар як хонанда ба инобат гирифта шавад;

3) таҳлил, хулосабарорӣ ва ҷамъбасти мавзуъҳои таълимии вобаста ба ватандӯстӣ, ифтихори миллӣ нисбати ҳаёт, бахусус, ба ҳаёти ҳаррӯзаи бачаҳо дар заминаи ашъори адибон қиёс карда шавад;

4) мазмун ва мундариҷаи мавзуъҳои таълимӣ ба ташаккул ва рушди ватандӯстӣ ва ифтихори миллии хонандагон дар асоси ашъори адибон нигаронида шуда, ба ин масъала бештар диққати ҷиддӣ равона гардад;

5) ғояҳои ватандӯстона ва ифтихори миллии ашъори адибон ошкор ва дар ҷараёни таълиму тарбияи хонандагон дар руҳияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ, ки ҷузъи асосии ташаккули ҷаҳони маънавӣ ва бедории афкори хонандагон маҳсуб меёбад, мавриди истифода қарор дода шавад.

Дар охир довталаб Саодати Раҳмоналӣ хулосаҳои умумӣ ва тавсияҳои барои истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсиониашро ба самъи иштирокдорони ҷаласа манзур намуд.

Баъдан ба довталаб дар доираи мавзӯи таҳқиқотӣ якчанд саволҳо дода шуда, муҳаққиқ ба саволҳои додашуда ҷавобҳои мушаххас дод.

Баъд аз саволу ҷавоб муқарризони холиси таҳқиқоти диссертатсионӣ: профессор Иззатова М., н.и.п., дотсент Исоева Д. баромад намуда, қайд карданд, ки унвонҷӯ масъалаи мубрам ва муҳимро барои таҳқиқ интихоб карда, дар ҳалли вазифа ва мақсадҳои гузошташуда комёб шудааст, аз методҳои зиёди таҳқиқотӣ ва принсипу усулҳои умумиилмӣ, аз қабили принсипҳои мунтазам, маҷмуӣ, таърихӣ, принсипҳои илова ва бардавомӣ, муносибати субъективию фаъолиятӣ, инчунин усулҳои илмӣ, ба мисли таҳлил, синтез, индуксия, тарҳ ва ғайра васеъ истифода кардааст.

Довталаб дар раванди таҳқиқот аз асарҳои зиёди илмӣ истифода бурда, онро аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ асоснок намудааст.

Аҳамияти назариявии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки доир ба тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо истифода аз ғояҳои ватандӯстии ашъори адибони ҳавзаи адабии Кӯлоб аввалин таҳқиқоти алоҳида анҷом дода мешавад.

Муаллиф дар таърихи педагогикаи тоҷик бори аввал ақидаҳои ба тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ дар ашъори шоирони ҳавзаи адабии Кӯлоб бахшидашударо таҳлил намуда, ба паҳлуҳои тарбиявии онҳо ҷиддан диққат дода, мақолаю дастурҳои назариявию методӣ ба табъ расонида, барои дар руҳияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ тарбия намудани хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ иқдом кардааст. Ҳамчунин, тавассути таҳлили назариявӣ ва амалии проблемаи ташаккули ғояҳои тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ меъёрҳои асосӣ ва нишондиҳандаҳои ташаккули ҳисси ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ дар хонандагон равшан ва аниқ карда шудааст.

Аҳамияти амалии таҳқиқот дар асоси омӯзишу таҳқиқи мавзӯъ ва натиҷаҳои корҳои озмоишӣ пешниҳод карда шудааст, ки ташаккули ғояҳои тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ бидуни аз худ кардани фарҳанги миллӣ аз имкон берун аст, бинобар ин унсурҳои он бояд ба мундариҷаи фаъолияти таълимӣ ва корҳои беруназсинфӣ ва беруназмактабии хонандагон ворид карда шаванд.

Маводи таҳқиқот метавонад ба мутахассисони соҳаи педагогика, равоншиносон, омӯзгорони МТМУ, устодони муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии равияи омӯзгорӣ ва такмили ихтисос, инчунин, ба донишҷӯён - омӯзгорони ояндаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба сифати маводи ёрирасон оид ба ташкили раванди тарбияи ҳисси ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ дар хонандагони МТМУ кӯмак кунад.

Натиҷаҳои таҳқиқотро барои таҳияи ҷанбаҳои педагогии ташаккули ҳисси ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ дар хонандагони

муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ метавон васеъ истифода бурд.

Унвонҷӯ дар раванди таҳқиқоти диссертатсионӣ ба чунин навгониҳои илмӣ комёб шудааст:

- муқаррароти илмӣ асоснок шуда, ҳолат, имконият, муҳити таълиму тарбия ва шароитҳои педагогии тарбияи хонандагон дар рӯҳияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ тавассути истифода аз ғояҳои ватандӯстӣ ва ифтихори миллии осори адибони ҳавзаи адабии Кӯлоб дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мавриди омӯзишу таҳлил қарор дода шуда, ошкор карда шуданд;

- моҳияти тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ дар мактаббачагон арзёбӣ гардид;

- механизми ташаккули тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллии хонандагон дар ҷараёни корҳои таълимию тарбиявии муассисаҳои таълимӣ дар заминаи назарияи диспозитсионии шахсият муайян карда шуд;

- самаранокии амсила ва технологияи ташаккули ғояҳои тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллии хонандагон дар раванди таълиму тарбия собит карда шуд;

- бо мақсади тарбияи хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар руҳияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ низоми ташхиси психологӣ ва педагогӣ таҳия карда шуд;

- амсилаи сохторӣ-вазифавии ҷараёни таълими муассисаҳои таълимӣ ҷиҳати ташаккули ҳисси ватандӯстӣ ва ифтихори миллии хонандагон коркард ва мавриди озмоиш қарор дода шуда, самаранокии он собит карда шуд;

- технологияи ташаккули ҳисси ифтихори ватандорӣ ва худогоҳии миллии хонандагон дар ҷараёни корҳои таълимиву тарбиявӣ дар асоси ғояҳои ватандӯстона ва ифтихори миллии ашъори адибони ҳавзаи адабии Кӯлоб таҳия карда шуд.

Муқарризон иброз намуданд, ки муҳтавои асосии кори диссертатсионии аспирант дар 8 номгӯй мақолаҳои илмӣ ва дастурҳои

методӣ, аз он ҷумла 5 номгӯйи онҳо, ки дар нашрияҳои илмии тақризшавандаи феҳристи тавсиянамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия ва 2 номгӯй дар маҷмуаи маводи конференсияҳо ба табъ расидаанд, дастгоҳи илмӣ, сохтор ва муҳтавои диссертатсия ва атореферат ба талабот ҷавобгӯ буда, мумкин аст онро ба ҳимоя пешниҳод кард.

Сипас баромади довталаб Саодати Раҳмоналӣ дар мавзуи «Тарбияи ҳисси ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ дар хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (дар мисоли ашъори адибони ҳавзаи адабии Кӯлоб)» аз ҷониби аъзои ҷаласа мавриди муҳокима қарор гирифт. Иштирокчиёни ҷаласа профессор Иззатова М., дотсентҳо Лоиқов П., Даминова А., Шарипов Б. ва Ғаффоров А. ба музокира баромада, андешаҳои худро оид ба мазмуну мундариҷаи таҳқиқоти диссертатсионӣ иброз намуданд ва дар маҷмуъ ба диссертатсия баҳои мусбат доданд.

Дар фарҷоми муҳокима бо дарназардошти пешниҳодоти иштирокчиён аз ҷониби аъзои ҷаласа,

## ҚАРОР ҚАБУЛ КАРДА ШУД:

Диссертатсияи Саодати Раҳмоналӣ дар мавзуи «Тарбияи ҳисси ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ дар хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (дар мисоли ашъори адибони ҳавзаи адабии Кӯлоб)» таҳқиқоти диссертатсионии анҷомёфта ҳисобида шуда, барои ҳимоя дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D. КОА-030-и назди Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон тавсия карда мешавад.

Хулоса, дар ҷаласаи васеи шурои олимони факултети омӯзгорӣ ва фарҳанги Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ қабул карда шудааст. Дар ҷаласа иштирок доштанд 28 нафар.

Натиҷаи овоздиҳӣ: “тарафдор”- 28 нафар, “муқобил”-нест, протоколи №9 аз 29 апрели соли 2022. Қарор якдилона қабул карда шуд.

Раиси ҷаласа, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, раиси шурои олимони факултети омӯзгорӣ ва фарҳанги ДДК ба номи А. Рӯдакӣ — Бозоров Х.

Муқарризон:

Доктори илмҳои педагогӣ, профессор — Иззатова М.И.

Номзади илмҳои педагогӣ, дотсент — Исоева Д.

Котиби ҷаласа, котиби илмии шурои олимони факултети омӯзгорӣ ва фарҳанги ДДК ба номи А. Рӯдакӣ саромӯзгори кафедра — Ёрматов А.

29 апрели соли 2022

Маълумот барои тамос: Суроға: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Кӯлоб, кӯч. С. Сафаров, 16; Тел.: (+992 8 33 22) 2-35-07 E-mail:info@kgu.tj

*Имзоҳои Бозоров Х., Иззатова М., Исоева Д. ва Ёрматов А.-ро тасдиқ менамоям.*

Сардори РК ва КМ-и ДДК ба номи А.Рӯдакӣ — Амиров Ф.А.